ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"29" 05 соли 2023 №110/ш шаҳри Душанбе

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4, 9 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории ду адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулаҳмадов Ҳ.Ш.) вазифадор карда шавад, ки барои дар мӯҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: дархости шуроҳои диссертатсионӣ ва қарори Раёсати Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6.

Раис Розиқзода А.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 05 соли 2023, №23

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд
ва ба онҳо дипломи дараҷаи илмии доктори илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмӣ ба КОА дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Мабатқадамзода Кимё Сабзқадам | 6D.KOA-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои химия |
| 2. | Хайруллоев Шамсулло Амруллоевич | 6D.KOA-009 назди Институти математикаи ба номи А. Ҷураеви АМИТ; доктори илмҳои физикаю математика |